# ХУЛОСАИ
# ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-004 ДАР НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ НОМЗАДИ ИЛМ

Парвандаи аттестатсионии № ___

Хулосаи Шӯрои диссертатсионӣ аз 09.01.2021 с., суратҷаласаи №55

Барои сазовор донистани Бобохонзода Мирзо Ҷаббор ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ.

Диссертатсия дар мавзӯи «Танзими давлатии рақобатпазирӣ дар комплекси агросаноатӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ дар хоҷагии халқ: менеҷмент, аз 26 сентябри соли 2020, суратмаҷлиси №62 аз тарафи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17), ки бо фармони КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.05.2019, №96 таъсис ёфтааст, барои ҳимоя қабул шуд.

Унвонҷӯ Бобохонзода Мирзо Ҷаббор, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, 10-уми августи соли 1962 дар ноҳияи Данғара таваллуд шудааст. Соли 2002 факултети иқтисодии Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппаро бо ихтисоси ҳисоби муҳосибӣ ва таҳлили фаъолияти хоҷагидорӣ хатм намудааст. Солҳои 1995-2014 дар Раёсати молияи ноҳияи Данғара фаъолият намудааст. Аз соли 2014 то ҳол унвонҷӯи Донишгоҳи давлатии Данғара, муаллими калон ва сарнозир оид ба нерӯи инсонӣ дар раванди таҷрибаомӯзӣ Донишгоҳи давлатии Данғара мебошад.

Диссертатсия дар пояи кафедраи иқтисод ва идораи КАС-и Донишгоҳи давлатии Данғара омода гардидааст.

**Роҳбари илмӣ** -доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт**

**Муқарризони расмӣ:**

**Рауфӣ Абдуғаффор** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи маркетинги соҳавӣ ва байналмилалии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон;

**Мирсаиди Аҳдия Аврорзода -** номзади илмҳои иқтисодӣ, ходими пешбари илмии Институти иқтисод ва демографияи Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳанда Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур муайян карда шудааст.

**Муассисаи тақриздиҳанда -** Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи тахлилил иқтисодӣ ва омори ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур Самандаров И.Ҳ. омода шуда, дар ҷаласаи якҷояи кафедраҳои менеҷмент ва соҳибкорӣ ва таҳлили иқтисодӣ ва омори ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур баррасӣ ва бо имзои номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи менеҷмент ва соҳибкории Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур Бобоазиззода Ш. (суратҷаласаи №5, аз 30.11.2020 с.) ба имзо расида, аз ҷониби Ректори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур, доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор Махмадёрзода У.М., аз санаи 09.12.2020 с. тасдиқ шудааст, қайд кардааст, ки диссертатсияи Бобохонзода Мирзо Ҷаббор дар мавзӯи «Танзими давлатии рақобатпазирӣ дар комплекси агросаноатӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи навгониҳои таҳқиқот тибқи шиносномаи номгӯи ихтисосҳои КОА дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи самти ихтисоси 08.00.05- Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: менеҷмент иҷро гардида, кори диссертатсионии анҷомёфта буда, аз рӯйи натиҷаҳои назариявӣ ва амалии худ ҷавобгӯи талаботҳои "Низомнома оид ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" мебошад, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри 2016 сол, таҳти №505 тасдиқ шудааст.

Вобаста ба мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф беш аз 9 мақола, аз ҷумла 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расонида шудаанд.

**РӮЙХАТИ КОРҲОИ НАШРШУДАИ МУАЛЛИФ АЗ РӮЙИ МАВЗӮИ ДИССЕРТАТСИЯ:**

**Фехристи корҳои чопшудаи муаллиф доир ба мавзӯи диссертатсия**

**а) интишорот дар маҷалаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби Комссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд:**

**[1-А].** Бобохонов М.Ҷ. Нишондиҳандаҳои асосии соҳаи кишоварзӣ ва усулҳои ҳисобкунии онҳо / М.Ҷоналоев, М.Ҷ. Бобохонов // Паёми Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ) бахши илмҳои иқтисодӣ 2017. №2/6 Душанбе. "Сино", - С. 56-62. – 0,4 ҷ.ч. – бо ҳаммуалиф, муаллиф – 0,2 ҷ.ч.

**[2-А].** Бобохонов М.Ҷ. Хусусиятҳои идоракунии корхонаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон / К.Х. Барфиев, М.Ҷ. Бобохонов // Рақобатпазирӣ дар ҷаҳони глобалӣ: иқтисодиёт, илм ва технология. Маҷаллаи илмии №10 (57), Москва - 2017. - С. 411-414. – 0,3 ҷ.ч. – ISSN 2412-883. бо ҳаммуалиф, муаллиф – 0,2 ҷ.ч.

**[3-А].** Бобохонов М.Ҷ. Роҳҳои такмилдиҳӣ ва рушди кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / К.Х. Барфиев, М.Ҷ. Бобохонов // Форуми муҳосибон ва аудиторони давлатҳои Осиёи Марказӣ, Иссык-Кул №2 (16). – Қирғизистон, 2017. - С. 226-231. – 0,4 ҷ.ч. - ISSN 1694-7347. – бо ҳаммуалиф, муаллиф – 0,2 ҷ.ч.

**В) Интишорот дар дигар маҷаллаҳои илмӣ:**

**[4-А].**Бобохонов М.Дж. Таҳлили таъсири омилҳои муайянкунандаи рақобатпазирии минтақавии КАС// М.Ҷоналоев, М.Ҷ. Бобохонов // Форуми муҳосибон ва аудиторони давлатҳои Осиёи Марказӣ, Иссык-Кул. Нашри махсус. 2017. Қирғизистон. С. 95-103 ISSN 1694-7347. – бо ҳаммуалиф, муаллиф – 0,2 ҷ.ч.

**[5-А].** Бобохонов М.Ҷ. Таҳлили дастгирии давлатии минтақаҳои агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон / К.Х. Барфиев, М.Ҷ. Бобохонов // Маводҳои Конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ "Ҷаҳонишавии иқтисод: мушкилот ва таҳияи стратегияи баҳисобгирӣ, таҳлил, аудит ва омор". - Душанбе, 2016. - С. 177-181. – 0,4 ҷ.ч. – бо ҳаммуалиф, муаллиф – 0,2 ҷ.ч.

**[6-А].** Бобохонов М.Ҷ. Асосҳои методологии баҳисобгирии идоракунии хароҷоти корхонаҳои кишоварзӣ / К.Х. Барфиев, М.Ҷ. Бобохонов / Маводи конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ "Ҷаҳонишавии иқтисод: мушкилот ва стратегияҳои баҳисобгирӣ, таҳлил, аудит ва омор". - Душанбе, 2016, С. 26-31. – 0,4 ҷ.ч. – бо ҳаммуалиф, муаллиф – 0,2 ҷ.ч.

**[7-А].** Бобохонов М.Ҷ. Идоракунии самаранокии захираҳои молиявии ташкилот / К.Х. Барфиев, М.Ҷ. Бобохонов // Маводҳои конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ "Масъалаҳои актуалии баҳисобгирӣ, таҳлил, аудит ва омор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон". - Душанбе, 2017. - С. 17-21. – 0,4 ҷ.ч. – бо ҳаммуалиф, муаллиф – 0,2 ҷ.ч.

**[8-А].** Бобохонов М.Ҷ. Таҳлили омилҳои рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзӣ / М.Ҷ. Бобохонов // Паёми Донишгоҳи давлатии Данғара (маҷаллаи илмӣ) серияҳои 1-2 (5-6), Данғара, 2017. - С. 177-191. – 0,9 ҷ.ч.

**[9-А].** Бобохонов М.Ҷ. Механизми рақобатпазирии иқтисодии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) / М.Ҷ. Бобохонов // Паёми Донишгоҳи давлатии Данғара (маҷаллаи илмӣ) серияҳои 1-2 (5-6), Данғара, 2017. - С. 191-201. – 0,6 ҷ.ч.

**Ба унвонии автореферати диссертатсия тақризҳо аз шахсони зерин ворид гардидаанд:**

1. **Садриддинов Н.Т.– доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хисрав бо эродҳои зерин:** 1)Хубтар мешуд муаллиф таҳқиқотҳои экспертӣ гузаронида, муаммоҳои рақобатпазириро дар минтақаҳои ҷумҳурӣ ошкор менамуд; 2) Дар оянда зимни таҳқиқот муаллиф ба масъалаҳои моделронӣ ва пешгуии рақобатпазирии корхонаҳои КАС-ро ба инобат гирад.

2. **Пиризода Ҷ.С. – Директори Институти иқтисодиёти кишоварзии АИКТ, Академики АИКТ, д.и.и., профессор бо эродҳои зерин: 1)**Хуб мешуд муаллиф, бештар тадқиқоти соҳаи агросаноатиро дар тамоми давраҳои рушди ин соҳа дида мебаромад; 2)Дар тадқиқотҳои минбаъда масъалаҳои рушди комплексии комплекси агросаноатӣ, аз ҷумла механизмҳои рушди хоҷагиҳои ёрирасони КАС-ро васеътар баррасӣ намудан лозим аст.

3. **Ҷолдошева Т.Ю.- д.и.и., профессор, мудири кафедраи молия ва қарзи Академияи байналмиллалии идора, ҳуқуқ, молия ва бизнеси Ҷумҳурии Қирғизистон бо эродҳои зерин:** 1) Сатҳи кор хубтар мешуд, агар муаллиф таҳлили муқоисавии васеътари рақобатпазирии КАС-и Тоҷикистонро бо дигар давлатҳои ҳамсояи ИДМ мегузаронд; 2) Муаллиф дар тадқиқоти худ ҳама соҳаҳои КАС-и Тоҷикистонро фаро гирифтааст, ки барои чунин кор васеътар аст.

4. **Кошонова М.Р. - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, бо эродҳои зерин:** 1) Хуб мешуд дар оянда муаллиф чунин тадқиқотро дар тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ гузаронида, ҳолату сабабҳои рақобатпазирии пасти маҳсулотҳои ватаниро дар тамоми онҳо нисбати маҳсулотҳои воридотӣ баррасӣ намояд; 2) Таҷрибаи бойи давлатҳои рубатараққиро овардан лозим аст, дар тадқиқотҳои минбаъда дар самти рушди рақобатпазирии КАС, хусусан таҷрибаи Израилро дар самти рушди инноватсионӣ.

5. **Мирсаидов С.А. - мудири кафедраи маркетигнг-агробизнеси Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон бо эродҳои зерин:** 1) Хуб мебуд, агар муаллиф диққати асосиро ба асосҳои институтсионалии ташкили рақобатпазирии КАС равона месохт. Шояд ин нукта дар матни рисолаи илмӣ инъикос ёфта бошад. Хотиррасон менамоям, ки ин қисмат бениҳоят муҳим аст ва ба инобат гирифтани асосҳои институтсионалӣ ба мо имкониятҳои бештар медиҳад; 2) Агар муаллиф масъалаҳои рақобатпазириро дар сатҳи давлатҳои ҷаҳон

ҳангоми тадқиқотҳо васеъ мавриди баррасӣ қарор медод, кори илмӣ бурд мекард.

Ҳамаи тақризҳои ба автореферати диссертатсия пешниҳодшуда мусбатанд ва андешаҳо хислати пешниҳодӣ ва тавсиявӣ доранд.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар асоси таҳқиқоти илмии аз ҷониби унвонҷӯ ба анҷом расонидашуда:**

Консепсияи назариявию методологии идораи баландбардории рақобатпазирии комплекси агросаноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти танзими таъсири омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва меъёрию ҳуқуқӣ, **коркард карда шуд**.

- рақобатпазирӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ муайян гардида, шароитҳои баҳодиҳии рушди устувори агросаноатӣ ба монанди зарурати таҳқиқи рақобатпазирии комплекси агросаноатӣ, муайян намудани сохтори таҳқиқшавандаи қобилияти КАС, амалӣ намудани фаъолияти хоҷагидорӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва устуворию иҷтимоӣ дар ҷумҳурӣ дар асоси истифодаи дурусти шароитҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва табиӣ-иқлимӣ ва дигар воситаҳои рушди фаъолияти агрохоҷагӣ асоснок шудааст, **пешниҳод карда шуд.**

- ҳангоми муносибгардонии мувофиқии шаклҳои гуногуни ташкилӣ-ҳуқуқии хоҷагидорӣ, ба назар гирифтани мавқеи ҷойгиршавӣ ва тахассуси истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ нақши муҳим дорад. Вобаста ба ин муаяйн карда шуд, ки ҳамчун самти асосии рақобатпазирии КАС дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишондиҳандаҳои самаранокии истеҳсолот баромад мекунанд, ки миёни онҳо маҳсулнокии чорво (таъмини талаботи дохилӣ бо шири муқаррарӣ ва истеъмоли маҳсулоти туруши ширӣ (творог, сметана, кефир) ва таъмини шароитҳо барои истеҳсоли маска, консерваҳои ширӣ, панири дурушт) ва ҳосилнокии зироатҳо (расонидани ҳосилнокии зироатҳои ғалладона то 18-20 с/га ва зиёд намудани хӯроки чорво) мақоми хосро доро мебошанд, **исбот карда шуд.**

- меъёрҳои баҳодиҳии рақобатпазирии КАС, дараҷаи амнияти озуқаворӣ ва устувории иҷтимоӣ дар ҷумҳурӣ ошкор ва асоснок карда шудаанд, аз ҷумла: коркарди методикаи амалинамоии мониторинги рақобатпазирӣ (ҷавобгӯ набудани нишондиҳандаҳои коэффитсиентҳои муайянкардашуда ба талаботҳои рақобатпазирӣ); таҳияи механизми баландбардории рақобатпазирии КАС (таҳрири барномаву стратегияҳои давлатӣ ва батадриҷ амалинамоии онҳо); пешниҳоди самтҳои асосии баландбардории рақобатпазирии КАС (таъмини рушди КАС ва саноатикунонии кишвар, беҳтар намудани шароити корхонаву

ташкилотҳои амалкунанда ва ба рақобат тобовар гардидани онҳо ва дар ин замина рушди иқтисоди миллӣ) **ҷорӣ шудааст.**

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ** ба он асоснок карда шуданд, ки:

- мавқеи умумии стратегӣ дар масъалаҳои рушди хоҷагии қишлоқ ва соҳаҳои ба саноат мувофиқ муайян мегардад (тамоюли баръакс дар саноати коркарди маҳсулоти гӯштӣ), ки он баҳисобгирии шароитҳои табиӣ-иқлимӣ ва иқтисодӣ-иҷтимоӣ (кифоя набудани меъёри худтаъминкунӣ - ҳиссаи маҳсулоти хӯроквориe, ки КАС - и минтақа истеҳсол мекунанд), ба таъмини амнияти озуқаворӣ ва устувории иҷтимоии ҷумҳурӣ (воридотӣ будани ҳиссаи зиёди маҳсулоти хӯрокворие (зиёда аз 60%), ки дар ҷумҳурӣ истеъмол мешаванд) равона шудааст, **исбот гардид.**

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта самаранокии** муносибгардонии мувофиқии шаклҳои гуногуни ташкилӣ-ҳуқуқии хоҷагидорӣ, ба назар гирифтани мавқеи ҷойгиршавӣ ва тахассуси истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ нақши муҳим дорад. Вобаста ба ин муаяйн карда шуд, ки ҳамчун самти асосии рақобатпазирии КАС дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишондиҳандаҳои самаранокии истеҳсолот баромад мекунанд, ки миёни онҳо маҳсулнокии чорво (таъмини талаботи дохилӣ бо шири муқаррарӣ ва истеъмоли маҳсулоти туруши ширӣ (творог, сметана, кефир) ва таъмини шароитҳо барои истеҳсоли маска, консерваҳои ширӣ, панири дурушт) ва ҳосилнокии зироатҳо (расонидани ҳосилнокии зироатҳои ғалладона то 18-20 с/га ва зиёд намудани хӯроки чорво) мақоми хосро доро мебошанд **истифода бурданд.**

Омилҳои амалинамоии сармоягузориҳо ба истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ ошкор карда шуданд, ки хусусиятҳои рақобатпазирии КАС – ро инъикос менамоянд, инчунин ба рушди ММД-и ҷумҳурӣ боис мегарданд. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки ҳаҷми маблағгузориҳои буҷети давлатӣ дар соҳаи КАС соли 2018 нисбати соли 1991 дар маҷмӯъ 1,9 маротиба зиёд шуда, нисбати соли 2017 ба 0,9 маротиба зиёд шудааст. Мутаассифона, ҳиссаи хароҷотҳо ба соҳаи кишоварзӣ, дар соли 2018 нисбати соли 1991 ба 7% ва нисбати соли 2017 ба 3% кам шудааст. Ҳолати суст инкишофёбии КАС аз он шаҳодат медиҳад, ки маблағгузории он дар сатҳи зарурӣ роҳандозӣ нагардида истодааст. Вобаста ба ин, зарурияти зиёд намудани маблағгузории КАС пеш меояд, ба монанди: аз ҳисоби ташаккули лизинг, қарзҳои имтиёнок ва ғайра, **баён шудааст.**

Мавқеи умумии стратегӣ дар масъалаҳои рушди хоҷагии қишлоқ ва соҳаҳои ба саноат мувофиқ муайян карда шуд, ки он баҳисобгирии шароитҳои табиӣ-иқлимӣ ва иқтисодӣ-иҷтимоӣ, ба таъмини амнияти

озуқаворӣ ва устувории иҷтимоии ҷумҳурӣ равона шудааст. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки дар саноати коркарди маҳсулоти гӯштӣ тамоюли баръакс дида мешавад: комбинатҳои бузурги масолеҳи гӯштӣ аз сабаби кам шудани саршумори чорво барои коркарди дубора муфлис шуданд ва нуқтаҳои хурди кушишхонаҳо зиёд гардида бошанд ҳам, вале онҳо бо технологияҳои замонавӣ муҷаҳҳаз нестанд, ки ин ҳолат то ба сикли ниҳоӣ коркард намудани маҳсулоти чорворо таъмин намуда наметавонад, инчунин ҳиссаи зиёди (зиёда аз 60%) маҳсулоти хӯрокворие, ки дар ҷумҳурӣ истеъмол мешаванд, воридотӣ буда, меъёри худтаъминкунӣ - ҳиссаи маҳсулоти хӯрокворие, ки КАС - и минтақа дар ҳаҷми умуми маҳсулоти хурокворӣ, дар ҷумҳурӣ дар давоми сол, истеҳсол намудааст, кифоят намекунад, ки **ошкор гардидааст.**

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки дар тамоми дунё истеҳсолоти масолеҳи кишоварзӣ тиҷорати даромаднок надорад. Масалан дар Швейтсария 73% аз арзиши масолеҳи кишоварзӣ аз буҷет субсидия карда шуда, дар ИМА субсидия қариб 50% - ро ташкил медиҳад. Сатҳи дастгирии давлатии хоҷагиҳои кишоварзӣ дар Канада 18 %-и доллар/га, дар кишварҳои Аврупо - 298 доллар/га, ИМА-324 доллар/га, Ҷопон-473 доллар/га – ро ташкил медиҳад. Дар Россия бошад, бо 110 доллар/га ҳамасола 14 млрд. долл. барои хариди маҳсулот харҷ карда мешавад. Дар Тоҷикистон агар ин нишондиҳандаро таҳлил намоем, аз ҳисоби буҷети давлат 1,7 долл/га ва аз ҳисоби тамоми сарчашмаҳо 48,2 долл/га рост меояд, ки барои таъмини рақобатпазирии КАС ғайримкон буда, таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ **омӯхта шуданд**.

**Аҳамияти натиҷаҳои ба дастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар он асос меёбад, ки:**

Зимни таҳқиқот муаяйн карда шуд, ки ҳамчун самти асосии рақобатпазирии КАС дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишондиҳандаҳои самаранокии истеҳсолот баромад мекунанд, ки миёни онҳо маҳсулнокии чорво ва ҳосилнокии зироатҳо мақоми хосро доро мебошанд. Таҳқиқот нишон дод, ки замини кишти зироатҳо дар соли 1991 -ум 821 ҳазор гектарро ташкил намуда, дар соли 2018 -ум 826,7 ҳазор гектарро ташкил менамояд, яъне суръати афзоиши он 101%-ро ташкил карда, нисбати соли 2005 8,3% кам гардида, нисбати соли 2017 1,3% кам гардидааст. Ошкор карда шуд, ки бо сабабҳои гаронии андозӣ, гаронии меъёрҳои фоизи қарзҳо, ва дигар шароитҳое, ки ба рушди КАС монеа эҷод карда истодаанд, боиси кам шудани соҳибкории кишоварзӣ гардида, дар натиҷа боиси кам шудани заминҳои кишоварзӣ гардида истодааст, ки сари ин танзими давлатӣ хеле зарур аст. Зимни таҳқиқот тамоюлҳои асосии рушди

рақобатпазирии КАС-и Тоҷикистон ҳамчун асоси коркарди стратегияи ташкили рақобатпазирӣ дар шароити бӯҳрони иқтисодӣ муайян карда шуд, ки аз инҳо иборатанд: татбиқи технологияҳои инноватсионӣ; рушди шаклҳои нави хоҷагидорӣ; баландбардории тахассуснокии кадрҳо, зиёднамоии маблағгузориҳо ва ҳавасманднамоии рушди соҳаҳои КАС, **асоснок карда шудааст**. Муқаррарот ва хулосаҳои асосии он дар шакли тавсияҳои мушаххас таҳия гардидаанд, ки аз ҷониби Академияи илмҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии Данғара, Сарраёсати кишоварзии Вилояти Хатлон ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои қабули қарорҳо дар бахши такмили фаъолсозии ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар рушди комплекси энергетикӣ **коркард ва ҷорӣ карда шуданд.**

- ки механизм ва самтҳои асосии баландбардории рақобатпазирии КАС метавонанд асоси рушди устувори иқтисодии Тоҷикистон гарданд, дар ҳолате, ки соҳаҳои он танзими саривақтӣ гузаронида шавад. Хусусан, дар самти таъмини соҳаҳои КАС бо маблағгузории дохиливу хориҷӣ, шароити мусоид барои рушди онҳо фароҳам мешавад, муайян карда карда шуд.

Зимни таҳлилҳо ошкор карда шуд, ки танҳо якҷояшавии мувофиқи беҳтарини шаклҳои хоҷагидории калон, миёна ва хурд (кластеризатсия) ба баландбардории қатъии рақобатпазирии КАС оварда метавонад, **муаррифӣ карда шуд**. Вобаста ба таҳлилҳо афзоиши коэффитсиентҳороояндабинӣ намуда, рақобатпазирии КАС муайян карда шуд, ки тибқи он: худтаъминкунӣ (КХТ) аз 0,85 то 0,93; коэффитсиенти истеъмолоти меъёрӣ (КИМ) аз 0,85 то 0,94; коэффитсиенти шуғли аҳолӣ ($К_{ш}$) ба ақидаи мо тағйир намеёбад, аммо он суръати шуғли ҳақиқии аҳолиро инъикос менамояд; коэффитсиенти афзоиши ҳаҷми истеҳсолоти маҳсулоти хоҷагии қишлоқ (КА) аз 1,01 то 1,15; коэффитсиенти устувории истеҳсолоти маҳсулоти хоҷагии қишлоқ (КУМ) аз 0,85 то 0,97 афзоиш меёбад. Аз ин рӯ, нишондиҳандаи умумии рақобатпазирӣ метавонад аз 0,88 то 0,97 зиёд гардад. Зимни таҳияи модел, тавре аз таҳлили нишондиҳандаҳои ҷадвалиояндабинии вобастагии рушди маблағгузории соҳаҳои КАС бо зиёдшавии ММД бармеояд, дар ҳолати 15-20% зиёд кардани маблағгузории соҳаҳои КАС -и ҷумҳурӣ дар соли 2020, ҳаҷми ММД -и кишвар ба 12% боло меравад. Дар ҳолати то 30% зиёд кардани маблағгузорӣ нисбати соли 2018, ҳаҷми ММД дар соли 2021 то ба 20% зиёд мегардад. Ҳамин тариқ, зимниояндабинии мазкур, ҳамасола коэффитсиенти миёнаи рушди маблағгузорӣ 5-7%-ро ташкил медиҳад. Аз онҳо бармеояд, ки маблағгузории соҳаҳои КАС-и ҷумҳурӣ барои рушди минбаъдаи ММД-и кишвар ҳамчун

нишондиҳандаи рушди иқтисодӣ заминаи мусоид фароҳам меоварад ва дар навбати худ, боиси баланд гардидани сатҳи рақобатпазирии корхонаҳои КАС мегардад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот нишон доданд, ки**

**Таҳқиқот дар** пойгоҳи кафедраи иқтисод ва идораи КАС-и Донишгоҳи давлатии Данғара гузаронида шудааст, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро саҳеҳии маълумотҳо, ҳаҷми кофии маводи таҳқиқот, коркарди омории натиҷаҳо ва мақолаҳо исбот менамоянд. Заминаи методологӣ ва назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ корҳои илмии фундаменталӣ ва амалии олимони хориҷӣ ва ватанӣ оид ба масъалаҳои танзими давлатии рақобатпазирии комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин натиҷаҳои таҳқиқоти пажӯҳишгоҳҳои пешрафтаи соҳа ва рақобатпазирии онҳо мебошанд. Ҳангоми таҳияи диссертатсия санадҳои меъёриву ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин мақолаҳои монографӣ ва илмӣ оид ба танзими давлатии рақобатпазирии КАС, истифодаи самараноки захираҳои иқтисодӣ ва танзими самаранокии идоракунии онҳо ва ғайра истифода шуданд.

Ғоя бо ақидаҳои олимони классикӣ ва муосири соҳаи иқтисодиёт, омӯзиши асарҳои олимони ватаниву хориҷӣ, таҷрибаи пешқадами давлатҳои хориҷӣ дар самти танзими давлатии рақобатпазирии комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **асоснок шудааст**.

Мавқеи танзими давлатии механизми рақобатпазирии КАС дар шароити иқтисоди бозаргонӣ ва коркарди пешниҳодҳои амалӣ ҷиҳати муайн ва истифода намудани имконоти танзими раванди рақобатпазирӣ дар комплекси агросаноатии кишвар **муайян карда шудааст.**

Асарҳои: Асроров И.А., Акрамов Ш.А., Амиров Н.И., Ашуров И.С., Барфиев Қ.Х., Бозоров Ш.Ш., Ғаниев Т.Б., Ғафуров Х.Ғ., Давлатзода Қ.Қ., Иброҳимзода И.Р., Комилов С.Ҷ., Қаюмов Н.Қ., Қурбонов А.К., Мадаминов А.А., Мирзохонов С.О., Одинаев Ш.Т., Орипов А.О., Пиризода Ҷ.С., Умаров Ҳ.У., Хоҷибоев А.П., Шамсиев Қ.Б., Шарипов З.Ш. ва дигарон **истифода шудаанд.**

**Саҳмии шахсии довталаби дарёфти унвони илмӣ иборат аст, аз** иштироки бевоситаи муаллиф дар ҷамъ овардан ва коркарди иттилоот, асосноккунӣ ва мубраммияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳои таҳқиқот иборат мебошанд. Ҳамаи давраҳои иҷрои нақшаи кории илмии пешбинишуда бо иштирок ва пешниҳоди бевоситаи муаллиф роҳандозӣ карда шудаанд;

**Натиҷаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии муаллиф татбиқ карда шудааст:** аз ҷониби Донишгоҳи давлатии Данғара санади татбиқӣ таҳти №01/64, аз 31 августи соли 2020; аз ҷониби Академияи илмҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон санади татбиқнамоӣ таҳти №1/504 аз 05 октябри соли 2020 ва аз ҷониби Сарраёсати кишоварзии Вилояти Хатлон санади татбиқнамоӣ пешниҳод шудаанд.

Аз ҷониби унвонҷӯ беш аз 9 мақола дар ҳаҷми 4,2 ҷузъи чопӣ, ки аз онҳо 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп карда шудаанд;

Натиҷаҳои таҳқикот тайи солҳои 2014-2020 дар конфронсҳои илмӣ, амалӣ ва назариявии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ муаррифӣ гардидаанд.

Дар ҷаласа 09 январи соли 2021 Шӯрои диссертатсионӣ қарори сазовор донистани Бобохонзода Мирзо Ҷабборро бо дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба аз рӯйи ихтисоси 08.00.05- Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: менеҷмент қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонии Шӯрои диссертатсионӣ аз 21 нафар аъзои умумии шӯрои диссертатсионӣ, 18 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 13 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 21 нафар ҳайати умумии шӯрои диссертатсионӣ, овоз доданд: тарафдор 17 нафар муқобил- нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор нест.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,**
**д.и.и., профессор** **Исайнов Ҳ.Р.**

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,**
**н.и.и., дотсент** **Саидмуродова М.А.**
**09.01.2021**